**Тақризи**
**муқарризи расмӣ номзади илмҳои филология Маҳкамова Дилором Юнусовна ба диссертатсияи Салимзода Маҷид Одина « Хусусиятҳои мундариҷавию жанрии публитсистикаи Тоҷӣ Усмон » барои дарёфти унвони номзади илмҳои филология аз рӯи ихтисоси 10.01.10 – журналистика**

Пажӯҳиши публитсистикаи тоҷик ҳамчун соҳаи муассири эҷод дар доираи омӯзиши таърихи журналистикаи тоҷик сурат гирифтааст. Агар то замони истиқлолият пажӯҳишҳои марбут ба публитсистика бештар ҷанбаи таърихӣ ва адабиётшиносӣ доштанд, имрӯз публитсистикашиносӣ майли ҳамчун илми мустақил рушд кардан дорад ва доир ба вижагиҳои жанрӣ ва мавзӯиву мундариҷавии осори публитсистӣ корҳои зиёди илмӣ ба анҷом расонида шуда истодаанд. Мусаллам аст, ки дар ташаккули ин соҳаи эҷод саромадони он С. Айнӣ, А. Лоҳутӣ,С.Ализода, М. Турсунзода, Ҷ. Икромӣ, М. Миршакар, М. Наҷмиддинов, Ф. Муҳаммадиев ва дигарон саҳми арзанда гузоштаанд. Осори публитсистӣ бо тақозои давр мавзӯъ ва масъалаҳои мубрами замонро бозгӯ мекунад ва ҳамчун неруи муассири ташаккули афкори омма, ҳисси ватанпарастиву ифтихори миллӣ, таҳкими рӯҳияи меҳнатдӯстӣ ва созандагии мардум ва таҳрикдиҳандаи мавқеи сиёсии одамон боқӣ мемонад.

Дар илми журналистикаи тоҷик муҳаққиқон дар бораи зиндагӣ, фаъолияти эҷодӣ ва вижагиҳои осори арзишманди баъзе аз публитсистон пажӯҳишҳо ба анҷом расида бошанд ҳам, масъалаҳои таҳқиқнашудаи ин самт ҷой доранд. Аз ҷумла, то имрӯз аз назари таҳқиқ дур мондани рӯзгор ва осори журналист, публитсист, адиб ва тарҷумони тоҷик Тоҷӣ Усмон боиси интихоби мавзӯи кори диссертатсионии Салимзода Маҷид Одина « Хусусиятҳои мундариҷавию жанрии публитсистикаи Тоҷӣ Усмон» гардидааст, ки дар илми публитсистикашиносии ватанӣ иқдоми нав мебошад. Муаррифӣ кардани боз як публитсисти муваффақи тоҷик Тоҷӣ Усмон, ки солҳои зиёд бо фаъолияти эҷодияш намунаи ибрат буд, аз мубрамияти таҳқиқи мавзӯи мавриди назар дарак медиҳад.

Диссертант дар навиштани диссертатсия талаботи методиву методологии таълифи кори илмиро риоя намуда, сохтори онро дар шакли муқаддима, 3 боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт ба низом

даровардааст, ки аз нигоҳи мантиқ ва услуб дуруст аст.

Дар муқаддима чун анъана зарурият ва аҳаммияти интихоби мавзӯи таҳқиқ, дараҷаи омӯзиши он, мақсад ва вазифаҳои пажӯҳиш, навгонии таҳқиқот, асосҳои назарию методологӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, татбиқи амалии кор ва амсоли ин ба таври мушаххас баррасӣ ва асоснок карда шудааст. Бахшҳои муқаддима фаҳмову мушаххас буда, дар онҳо ҷанбаҳои методологии кор бо низоми муайян шарҳу тавзеҳ ва таҳлилу баррасӣ гардидаанд.

Боби якуми диссертатсия **«Ҳаёт ва эҷодиёти Тоҷӣ Усмон дар контексти муҳити иҷтимоию адабии замон”** унвон дошта, аз ду фасл иборат аст. Дар ин боб муҳити оилавӣ, таҳсил, ташаккули шахсияти иҷтимоӣ ва эҷодии Тоҷӣ Усмон, фаъолияти рӯзноманигориву публитсистии ӯ мавриди таҳқиқу таҳлил қарор гирифтааст.

Фасли аввал **«Нақши омилҳои замон ва муҳити иҷтимоӣ дар ташаккули шахсияти эҷодии публитсист»** ном дорад. Дар ин фасл диссертант омилҳои ташаккули шахсияти публитсист Тоҷӣ Усмонро баён намуда, таъсири муҳит ва тақозои замонро муҳим донистааст. Чи гуна пайваста дар рушди матбуоти даврӣ ва публитсистикаи нимаи аввали садаи XX мавқеъ пайдо кардани Тоҷӣ Усмон нишон дода шудааст.

Диссертант дар бораи зодгоҳ, таҳсили Тоҷӣ Усмон дар мактаби шӯравӣ ва техникуми хоҷагии қишлоқ маълумот дода, оғози фаъолияти эҷодии ӯро соли 1925 дар рӯзномаи «Болшевики Хуҷанд» қайд намудааст. Соли 1926 Тоҷӣ Усмон чун муҳаррири рӯзномаи «Ҳақиқат» бо ҳамроҳии Ҳаким Карим, Қурбон Баҳлулзода, Муҳиддин Аминзода, Саид Носиров ва Ҳоҷӣ Содиқ фаъолияти пурсамари рӯзноманигорӣ доштааст. Нашри аввалин мақолаҳои публитсистии ӯ маҳз дар ҳамин нашрияҳо ба назар расидааст.

Диссертант барои муайян намудани зиндагиномаи публитсист ва вижагиҳои осори Тоҷӣ Усмон , аниқ ва боэътимод будани факту далел андешаву хотираҳои ҳамкорону ҳаммаслаконашро гирд оварда, таҳқиқро пурратар намудааст. Афкори ҷолиби Шаҳобиддин Садруллин, Муҳиддин Фарҳат, Мирзо Турсунзода ва дигарон дар шинохти Тоҷӣ Усмон кумак мекунанд. Аксар ӯро ҳамчун «журналисте, ки шабу рӯз хоб надораду тамоми ғайрати худро ба халқ ва ёрӣ расондан ба мардум сарф мекунад”ва дар матбуоти тоҷик бо « мақолаҳои публитсистии пурҳарорат, ҳикояю очеркҳои воқеӣ, фелетонҳои оташинона, шеърҳои ӯ мақбул ва дӯстдоштаи газетахонҳои тоҷик» муаррифӣ кардаанд.

Дар диссертатсия фаъолияти журналистии Тоҷӣ Усмон ба таври

хронологӣ таҳлил ёфта, дар нашрияҳои маҳалливу ҷумҳуриявӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

Соли 1933 муовини сармуҳаррири газетаи «Тоҷикистони сурх» таъйин шудани ӯ, бозхонд шудани публитсист ба вазифаи муҳаррири газетаи вилоятии «Болшевики Хуҷанд» (ҳоло «Ҳақиқати Суғд») то соли 1936 аз мавқеи намоён доштани вай дар матбуоти солҳои сиюми тоҷик шаҳодат медиҳад.

Дар солҳои душвори сиёсӣ 1937-1939 котиби Кумитаи ҳизбии шаҳри Ленинобод будани Тоҷӣ Усмон ва ҳамзамон бо публитсистика иртибот доштани ӯ аз ҷониби диссертант дуруст таҳлил ёфтааст. Дар рисола бо устод С. Айнӣ муносибати дӯстона пайдо намудани Тоҷӣ Усмон, раҳбаладии ӯ ҳангоми сафари якмоҳаи устод дар Хуҷанд ҷолиби диққатанд. Маҳз дар заминаи ин сафар андешаи таълифи очеркҳои «Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик ва «Тирози ҷаҳон» дар устод пайдо шудааст.Дар рушди минбаъдаи фаъолияти эҷодии публитсист таъсири мусбат доштани тавсияву таъкидҳои устод Айнӣ бо мисолҳои мушаххас баён шудааст.

Фаъолияти Тоҷӣ Усмон дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар матбуоти ҳарбии Закавказия чун мухбир, сипас солҳои 1943-1947 ба сифати мушовир ба сафоратхонаи Иттиҳоди Шӯравӣ дар Ҷумҳурии Эрон фиристонида шуданаш ба афкори сиёсиву иҷтимоии ӯ таъсири бузург дошт.

Тоҷӣ Усмон солҳои 1947-1953 дар рӯзномаи «Тоҷикистони сурх» (ҳоло “Ҷумҳурият») ба вазифаи ҷонишини сармуҳаррир кор кардааст. Таъсиси маҷаллаи ҳаҷвии «Хорпуштак» дар эҷодиёти публитсист самти ҳаҷвнигориро вусъат дода , дар ин нашрия то охири умр фаъолият доштааст.

Дар фасли дуюми ин боб **«Хусусиятҳои умумии осори адабиву публитсистӣ»** фаъолияти адабӣ ва илмию публитсистии Тоҷӣ Усмон баррасӣ гардидааст.

Диссертант кӯшиш намудааст, ки фаъолияти доманадори эҷодии Тоҷӣ Усмонро ба самтҳои журналистика, публитсистика, адабиёт ва пажӯҳиши илмӣ ҷудо намуда, дар бораи ин қисматҳо маълумот диҳад. Тоҷи Усмон дар ҳамаи жанрҳои адабӣ қувва озмуда, асарҳои ҷолиби диққате офаридааст, ки барои насли имрӯз ва оянда беманфиат нест. Бахусус, публитсистикаи ҳаҷвии ӯ на танҳо дар замони муаллиф, балки имрӯз низ қобили таваҷҷуҳанд.

Осори эҷодии Т. Усмон аввал дар шакли маводи публитсистӣ дар матбуоти даврии замон ва баъдан дар шакли асарҳо нашр гардидаанд.

Аз ҷумла, «Бисту се адиба» (1957), «Кашфи асрор» (1958), «Ганҷи шеъри тоҷикӣ» (1962), «Ханда ва истеҳзо» (1962), «Шоираҳои боистеъдод» (1963), «Шоира Маҳастӣ», (1964), «Мубораккадам» (1966), «Духтари никобдор» (1965), «Лаънаткардаи халқ» (1967). Ин осор аз нигоҳи мавзӯву мундариҷа гуногун бошанд ҳам, дар онҳо ҳаёти пешазинқилобии мардуми тоҷик, таърихи шаҳри Душанбе, мубориза барои ҳаёти нав, саҳми шахсони ташаббускор дар ин раванд, сохтмони роҳҳо, ташкили аввалин хоҷагиҳои халқ, маҳви бесаводӣ ва амсоли бартарӣ дорад.

Махсусан очерку ҳикояҳои воқеии ӯ ба мисли «Изи панҷаи хунин», «Баҳодур», «Ҳофиза», «Насими бахт», «Кашфи асрор», «Мубораккадам» ва ғайра бевосита ба ҳаёту зиндагии пешоҳангони истеҳсолот, бунёдгузорони ҳаёти нав дар Тоҷикистон бахшида шуда, қаҳрамонони реалӣ доранд ва дар асоси факту арқом навишта шудаанд.

Дар диссертатсия ба аввалин маҷмӯаи Т. Усмон «Бисту се адиба» таваҷҷуҳи бештар дода шудааст. Дар он нахустин маротиба ба осору рӯзгори адибаҳои тоҷик аз Робиаи Балхӣ то Тоҷуддавлату Мавзуна маълумоти воқеӣ дода шудааст. Ба саҳми Тоҷӣ Усмон дар ковиш ва муаррифии осори шоираҳои тоҷик баҳои баланд дода шудааст.

Асари дуюми публитсист «Кашфи асрор», ки аз 13 ҳикояи воқеӣ, се ҳаҷвия ва панҷ очерк иборат аст, мавриди омӯзиш қарор гирифта, бавижа очеркҳои «Ҷаҳонгул ва Ҷаҳонафрӯз», «Баҳодур», «Ҳофиза», «Изи панҷаи хунин», «Чилдухтарон», «Насими Бахт», «Вохӯрии ногаҳонӣ», ки характери тарҷумаиҳолӣ доранд, муфассалтар таҳлил ёфтаанд.

Диссертант ба таҳлили ду очерки таърихии Тоҷӣ Усмон «Духтари никобдор» дар бораи шоираи соҳибистеъдоди тоҷик – Робиаи Балхӣ ва «Мубораккадам» (ҳаммуаллифии Маҳмуд Ашӯрмуҳаммадов) оид ба саргузашти фидоии роҳи озодӣ Мубораккадам таваҷҷуҳ намуда, истеъдоди баланди нигорандагии ӯро дар иншои очеркҳои мазкур таъкид намудааст.

Дар давоми фаъолияти эҷодии худ публитсист даҳҳо мақола, фелетону ҳаҷвияҳо, мақолаҳои илмии адабиётшиносӣ, шеър, қисса ва ҳикояҳо эҷод намудааст, ки бештари онҳо ба муҳимтарин масъалаҳои доғи рӯз, воқеоти замони аввали сохти шӯравӣ дар Тоҷикистон бахшида шудаанд.

Боби дуюми диссертатсия **«Мавқеи очерк дар публитсистикаи Тоҷӣ Усмон»** номгузорӣ шуда, аз ду фасл таркиб ёфтааст.

Масъалаи баҳси фасли аввали боб дарку маърифати воқеаҳои иҷтимоии замон ва инъикоси онҳо дар очеркҳои публитсист мебошад.

Диссертант дар рафти таҳқиқ муайян намудааст, ки очерк дар публитсистикаи Т. Усмон мавқеи намоён дорад. Ӯ дар тӯли фаъолияти эҷодии худ зиёда аз 30 очерк навиштааст, ки дар матбуоти даврӣ нашр гардидаанд. Мавзӯоти асосии очеркҳои ӯро ҳаракати босмачигарӣ ва мубориза синфи коргару деҳқон, аҳволи бади деҳқонон, обшор кардани заминҳои нав, маҳви бесаводӣ, мубориза барои ҳаёти нав ва фаъолияти ашхоси кору пайкор дар иртибот бо воқеоти солҳои аввали сохтмони сохти шӯравӣ ташкил медиҳанд.

Очеркҳои Т. Усмон дар заминаи воқеа ва рӯйдодҳои иҷтимоӣ тибқи талаботи жанри очерк навишта шуда, бо факту рақамҳои зиёд асоснок гардидаанд. Муаллиф дар инъикоси мавзӯоти гуногуни иҷтимоӣ ба рӯҳияи замон такя намуда, рӯзгору фаъолияти шахсони мубориз, заҳматпеша ва ободкорро бо истифода аз аносири ҳунари бадеӣ нишон додааст. Ин ва дигар вижагиҳо дар диссертатсия бо таҳлил ва баррасии очеркҳои «Вохӯрӣ дар хориҷа», «Дар ҳалқаи оташ», «Прокурор – сардори дуздон», "Сӯиқасд ба намоянда», «Хиёнаткор дар комитети инқилобӣ», «Мухторияти аксулинқилобӣ», «Каждуми таги бӯрё», «Қатл дар гарнизон», «Ҳақиқати талх» ва амсоли ин, ки дар маҷмӯъ фарогири мавзӯи барқароркунии Ҳукумати Шӯравӣ дар Тоҷикистон мебошанд, муайян карда шудааст.Яке аз хусусиятҳои хоси очеркҳои Тоҷӣ Усмон бештар ба тасвири симои ботинии қаҳрамонон эътибор додани ӯст. Ҷаҳони афкору ахлоқи қаҳрамонони очеркҳои публитсист рангину ҷолиб буда , ин вижагӣ дар диссертатсия бо таҳлили намунаҳои алоҳида муайян гардидааст.Муаллиф услуби нигориши хосса дорад ва дар тасвири воқеаҳо, инъикоси характер, симои қаҳрамонон аз воситаҳои образофар – диалог, суҳбат, накл ва амсоли ин моҳирона истифода кардааст .

Дар заминаи пажӯҳишу таҳлили очеркҳои Т. Усмон диссертант ба хулосае омадааст, ки тибқи мавзӯъ очеркҳои ӯро ба се қисм ҷудо намудан мумкин аст:1.Дар мавзӯи барқарорсозии сохти шӯравӣ ва маҳви бесаводӣ;2.Корномаи мардум дар замони Ҷанги Бузурги Ватанӣ; 3.Очеркҳое, ки ҷанбаи таърихӣ ва илмию бадеӣ доранд.

Дар диссертатсия намунаи ин очеркҳо ботафсил мавриди таҳлил қарор гирифта, хусусиятҳои умумӣ ва хоси онҳо муайян карда шудааст.

**Фасли дуюми ин боб «Тасвири чеҳраҳои адабиёт»** ба ҳаёти эҷодии адибони тоҷик ва инъикоси он дар очеркҳои Т. Усмон бахшида шудааст. Т. Усмон ба инъикоси мавзӯи тақдири занон, бавижа занони суханвар, эҷодкор, ҷалби занону духтарон ба мактабу маориф бартарӣ додааст.

Симои чунин занон дар осори мустанади ӯ «Айса», «Ҳафиза»,

«Насими бахт», «Чилдухтарон» ва ғайра хеле табиӣ ва боварибахш тасвир ёфтааст.

Маҷмӯаи «Бисту се адиба», ки дар боло ишора шуд, шоираҳои адабиёти классикиро бо назардошти талаботи иҷтимоии замон намо медиҳад. Муаллифи маҷмӯа дар бораи адибаҳои на он қадар маълуму машҳури замони худ низ дар маҷмӯаи «Шоираҳои боистеъдод» маълумот додааст , ки мавқеи бонувонро дар рушди адабиёти тоҷик муайян мекунад. Хусусияти хоси шеърҳои онҳо дар он ифода меёбад, ки бештар оҳанги публитсистӣ доранд ва ҳамнафаси ҳаёт мебошанд.

Дар диссертатсия хотираҳои Т. Усмон дар бораи устод Айнӣ мавқеи муҳим дорад. Ин хотираҳо ба сифати очерк дар «Шарқи сурх» (1962, №8) бо номи «Як моҳ бо Садриддин Айнӣ» нашр шудааст. Муаллиф, ки тӯли як моҳ дар сафари устод Айнӣ ба вилояти Ленинобод (ҳоло Суғд) ҳамроҳ будааст, ба хислату характери аллома Айнӣ, муносибати устод бо мардум, мавзеъҳои таърихӣ, ҳисси кунҷковии ӯ нисбат ба дидаву шунидаҳо, эҳтироми мардум ба ӯ аз наздик шинос шуда, дар ин замина симои устод Айниро ҳамчун шахси ватандӯст, худшинос, донандаи хуби таърих, адабиёт, забон нишон додааст.

Диссертант гоҳо очеркҳои Тоҷӣ Усмонро, ки аз нигоҳи жанрӣ ба очерку мақола ва ҳикоя нисбат доранд ва асоси онҳоро воқеияти иҷтимоӣ ташкил медиҳад, ба достонҳои хурд шабоҳат додааст. Бартарии ин маводҳо дар он зоҳир мешавад, ки худи муаллиф на танҳо мушоҳиди воқеаҳо, балки иштирокчии бевоситаи онҳо будааст.

Боби сеюми диссертатсия **«Вижагиҳои публитсистикаи ҳаҷвии Тоҷӣ Усмон»** номгузорӣ шудаст. Ин боб низ аз ду фасл – **«Танқид ва мазаммати хислатҳои бади ашхоси алоҳида ва норасоиҳои иҷтимоӣ дар осори ҳаҷвӣ»** ва **«Аносири жанрӣ ва услуби ҳаҷвияҳои Тоҷӣ Усмон»** таркиб ёфтааст. Пажӯҳиши публитсистикаи ҳаҷвии Т. Усмон ва вижагиҳои мавзӯиву жанрии он яке аз бобҳои асосии кор ба ҳисоб меравад.

Фаъолияти эҷодии Т. Усмон дар маҷаллаи ҳаҷвии «Хорпуштак» ба ташаккули ҳаҷвнигории ӯ мусоидат намудааст. Дар ин маҷалла зиёда аз панҷоҳ асари ҳаҷвии ӯ дар жанрҳои фелетон, памфлет, пародия ва эпиграмма ба табъ расидааст. Диссертант ҳаҷвиёти Тоҷӣ Усмонро омӯхта , онҳоро аз нигоҳи шакл ба се гурӯҳ ҷудо намудааст :

а) Нигоштаҳои ҳикоямонанд, ки дар онҳо амалҳои номатлуб, камбудиҳои гурӯҳҳои алоҳида, шахсони манфур ба таври умумӣ танқиду мазаммат шудаанд;

б) Фелетону памфлетҳое ,ки ба танқиди амалҳои зишт ва рафтору

кирдори ношоями ашхоси алоҳида бахшида шудаанд;

в) Шеърҳои ҳаҷвии дорои оҳангҳои иҷтимоӣ ва пафосҳои публитсистӣ.

Дар диссертатсия осори ҳаҷвии публитсист муфассал таҳлилу арзёбӣ шуда, вижагиҳои умумӣ ва хоси онҳо муайян карда шудааст.

Дар асарҳои ҳаҷвии Т. Усмон, бахусус фелетону памфлетҳои ӯ «Сад шикоят аз ҳикоят», «Гила аз дӯст», «Муаммо ё худ мурғи мусаммо», «Пул пулро меёбад», «Тилисмоти уштурбақа», «Арӯси ду шавҳар» «Сир аз анҳор» ва шеърҳои ҳаҷвии ӯ камбудиҳои соҳаҳои алоҳида, амалҳои номатлуби ашхоси ҷудогона, зарарҳои хурофотпарастӣ, тинат, сиришти баъзе намояндагони аҳли дин ва мардумфиребии онҳо хеле муассир бо ҳаҷви тезутунди маҳкумсоз танқиду мазаммат шудаанд.

Дар ташаккули публитсистикаи ҳаҷвии Тоҷӣ Усмон ду манбаъ: адабиёти классикии форсу тоҷик ва ҳаҷви матбуоти рус таъсиргузор будааст. Ӯ ки донандаи хуби забон ва адабиёти рус буд, пайваста аз маҷаллаҳои ҳаҷвии русии "Крокодил", "Бегемот" ва "Ревизор" меомӯхт ва беҳтарин осори ҳаҷвнигорони русро ба тоҷикӣ тарҷума мекард.

Дар ҳаҷвияҳои Т. Усмон гоҳо аносири ҳаҷв ва танз пайиҳам омада, боиси услуби равону фаҳмо, нақли ҷолиб ва тасвироти шавқовар гардидааст.

Дар фасли дуюми боб «**Аносири жанрӣ ва услуби ҳаҷвияҳои Т. Усмон»** вижагиҳои жанрҳои публитсистикаи ҳаҷвӣ дар заминаи осори ӯ таҳлилу баррасӣ карда шудааст.

Омӯзиши маводи ҳаҷвии ӯ нишон медиҳад, ки таъсир ва услуби адабиёти бадеию фолклорӣ, унсурҳои адабиёти бадеӣ, публитсистика, ҳаҷву танз, анъанаҳои ҳаҷвнигории классикӣ дар эҷодиёташ зиёдтар аст.

Ӯ бо истифода аз имзоҳои гуногун – Кунҷков, Т. Халилӣ ва амсоли ин маводҳои ҳаҷвӣ менавиштааст. Дар диссертатсия хусусиятҳои жанрии ин гуна осор, бахусус фелетонҳои «Афтамабин чӣ тавр ба даст афтод», «Мулло Бадбинхӯҷа Фитназода», «Сари қоку тоқати тоқ», «Сад шикоят аз ҳикоят», «Гила аз дӯст», «Муаммо ё худ мурғи мусаммо», «Пул пулро меёбад», «Тилисмоти уштурбақа», «Арӯси ду шавҳар», «Сир аз анҳор» ва ғайра бо усули муқоиса таҳлил гардидааст.

Дар таълифи асарҳои ҳаҷвӣ муаллиф аз воситаҳои гуногуни тасвир ва жанрсоз истифода намудааст, ки ба сухан даровардани қаҳрамон, суҳбати диалогӣ, нақли монологӣ, зарбулмасалу мақол, маҷозу истиора, таъбирҳои халқӣ, кинояву истиора аз намунаи онҳост.

Дар хулоса, моҳияти пажӯҳиш доир ба ҳамаи бобу фаслҳои диссертатсия натиҷагирӣ шудааст.

Фаъолияти эҷодии Т. Усмон бо рӯзноманигорӣ шурӯъ гардида,

баъдтар дар самтҳои дигар пажӯҳишиву муҳаққиқӣ, адабиву публитсистӣ идома ёфтааст. Ӯ дар нашрияҳои гуногун: «Бо роҳи ленинӣ», «Тоҷикистони советӣ», «Хорпуштак» дар вазифаҳои мухбир, сармуҳаррир, муовини сармуҳаррир фаъолият намуда, барои ташаккули журналистикаи тоҷик саҳми босазо гузоштааст.Дар пажӯҳиш ва музокираҳои илмии вай ҷанбаи публитсистӣ ва оҳангҳои иҷтимоӣ ифода ёфтаанд.

Публитсистикаи Т. Усмон мавзӯоти гуногуни замонро фаро гирифта, дар қолаби жанрҳои лавҳа, очерк, ҳикоя ва фелетон эҷод шудааст.

Ҳамин тавр, бобу фаслҳои диссертатсия паҳлуи гуногуни мавзӯи таҳқиқро фаро гирифта, ба ҳамдигар алоқаи мантиқӣ доранд ва дар низоми муайян сурат гирифтаанд. Дар маҷмӯъ метавон гуфт, ки муаллифи диссертатсияи мазкур аз уҳдаи ҳалли вазифаҳои дар наздаш гузошташуда ба хубӣ баромадааст, таҳқиқоти баанҷомрасонидаи ӯ кофӣ ва басанда аст. Объекти таҳқиқ дуруст интихоб шуда, предмети он илман мушаххас гардидааст.

Диссертант публитсистикаи Тоҷӣ Усмонро мавриди таҳқиқ қарор дода, ба таърихи публитсистикашиносии тоҷик саҳм гузоштааст. Диссертатсияро метавон дар таҳқиқи таърихи матбуоти тоҷик , бахусус публитсистика истифода бурд.

Бо вуҷуди ин дар дисертатсия баъзе камбудиҳо ба назар расид, ки ислоҳи онҳо барои тақвияти минбаъдаи таҳқиқ аз аҳаммият холӣ нест. Аз ҷумла:

1.Муаллифи рисола дар баррасии масъалаҳои назарии публитсистика мебоист ба осори муҳаққиқони соҳаи публитсистикашиносии ватаниву хориҷӣ бештар такя менамуд. Ин барои илман асоснок кардани таҳлили намунаи осори публитсистӣ манфиатбахш аст.

2. Тоҷӣ Усмон ҳамчун публитсисти ҳаҷвнигор собиқаи калон дошт. Агар вокуниши шахсони танқиду ҳаҷвшуда ва ё ислоҳи камбудиҳои ошкоршуда тавассути нашрия таҳқиқ мешуд, мазмуни кор пурратар мегардид.

3. Дар диссертатсия такрори андеша ва ғалатҳои имлоӣ ба назар мерасад.

Ин камбудиҳо ҷузъӣ буда, арзиши илмии рисолаи М.Салимзодаро паст намекунанд. Диссертатсияи ӯ таҳқиқоти мустақил ва баанҷомрасида аст. Фишурда ва мақолаҳои интишорнамудаи муаллиф, ки 3-тоаш дар

маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА ФР ва КОА ҶТ мебошад, асоси мундариҷаи рисоларо инъикос мекунанд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионии Салимзода М. дар конференсияҳои илмию амалии ҷумҳуриявӣ ва байнидонишгоҳӣ , маҷмӯаҳо ва маводҳои ВАО муаррифӣ шудааст.

Автореферати диссертатсия мундариҷаи асосии рисоларо фаро гирифта, аз нигоҳи сохт, мундариҷа ва мазмун ба талаботи кори илмӣ пурра мувофиқ аст.

Хулоса , диссертатсияи мавриди тақриз, ки ба омӯзиш ва баррасии зиндагӣ ва эҷоди яке аз намояндагони публитсистикаи тоҷик Тоҷӣ Усмон бахшида шудааст, аҳаммияти махсуси илмиву назариявӣ дорад.

Дар заминаи таҳлилҳои боло метавон гуфт, ки кори диссертатсионии бо муҳиммият, навгониҳои илмӣ ва аҳаммияти назариявию амалии худ ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ ва тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Хукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, тахти №505 тасдиқ гардидаанд, пурра ҷавогӯ бада, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – журналистика мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
Мудири кафедраи рӯзноманигории
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи
Носири Хусрав, номзади илмҳои
филология, дотсент Маҳкамова Д. Ю.

**Нишонии муассиса:**
Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш.Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67.
Тел.: +992 (832 22) 2-54-81
Сайт: http://www. btsu.tj

Имзои н.и.ф., дотсент
Маҳкамова Дилором Юнусовнаро
тасдиқ мекунам
Сардори идораи кадр ва қисми махсуси
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи
Носири Хусрав Шукурзод Ҷ.А.